# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» дар доираи Форуми байналмилалии «Сайёҳии устувор ва мероси фарҳангӣ», ки рӯзҳои 13–18 октябри соли 2026 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад, санаи 14 октябри соли 2026 конференсияи байналмилалии илмию амалиро дар мавзуи «Механизмҳои молиявӣ ва сармоягузории рушди сайёҳии устувор» баргузор менамояд.

Ҳадафи асосии конференсия ташкили муколамаи илмӣ, экспертӣ ва амалӣ оид ба такмили механизмҳои молиявию сармоягузории рушди сайёҳии устувор, омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ, муайян намудани имкониятҳои ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ва таҳияи пешниҳодҳои илман асоснок барои тақвияти маблағгузории соҳаи сайёҳӣ мебошад.

Барои иштирок дар кори конференсия намояндагони вазорату идораҳои давлатӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, ташкилотҳои қарзии молиявӣ, бонкҳои давлатӣ ва тиҷоратӣ, ширкатҳои суғуртавӣ, фондҳо ва институтҳои сармоягузорӣ, созмонҳои байналмилалӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ, ширкатҳои сайёҳӣ, сармоягузорон, соҳибкорон, коршиносон, олимон ва дигар муҳаққиқону мутахассисони соҳаи молияву бонкдорӣ ва сайёҳӣ даъват карда мешаванд.

Дар доираи конференсия муҳокимаи масъалаҳои зерин ба нақша гирифта шудааст:

1. Асосҳои назариявию методологии маблағгузории рушди устувори сайёҳӣ
2. Сиёсати давлатӣ ва механизмҳои молиявии рушди соҳаи сайёҳӣ
3. Нақши низоми бонкӣ дар маблағгузории соҳаи сайёҳӣ
4. Сармоягузорӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории соҳаи сайёҳӣ
5. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар рушди сайёҳӣ
6. Молияи сабз ва сармоягузории устувор дар соҳаи сайёҳӣ
7. Институтҳои байналмилалии молиявӣ ва маблағгузории рушди сайёҳӣ
8. Рақамикунонии механизмҳои молиявӣ дар соҳаи сайёҳӣ
9. Суғурта ва идоракунии хавфҳо дар фаъолияти сайёҳӣ
10. Маблағгузории рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
11. Сиёсати андозбандӣ ва механизмҳои ҳавасмандгардонии андозии рушди фаъолияти сайёҳӣ.
12. Имтиёзҳои андозӣ, маъмурикунонии андоз ва таъсири онҳо ба ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ.

**Шакли баргузорӣ:** ҳузурӣ ва фосилавӣ (онлайн).

**Забонҳои кории конференсия:** тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.

Ҳамаи хароҷоти вобаста ба будубоши иштирокчиён, аз ҷумла ҷойгиронӣ, нақлиёти маҳаллӣ ва чорабиниҳои ташкилии марбут ба конференсия, аз ҷониби муассисаи қабулкунанда - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон - пурра пардохт карда мешаванд, ба истиснои хароҷоти вобаста ба парвозҳои байналмилалӣ.

Тамос: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5.

**Тел.:** (+992) 907755655, 939000737.

**Шахсони масъул:** Исмоилов Абдураҳим А. ва Хидиралиев Рустам Р.

Мақолаҳое, ки ба самтҳои конференсия мутобиқат намуда, аз ташхиси таҳририӣ ва илмӣ мегузаранд, барои нашр дар маҷмуаи маводи конференсия тавсия карда мешаванд. Маводи конференсия ба шакли маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ нашр мегардад.

Барои иштирок дар конференсия, иштирокчиён бояд дар сомонаи расмии Форуми байналмилалии «Сайёҳии устувор ва мероси фарҳангӣ» - https://forum.iutet.tj/ аз қайд гузаранд ва аз рӯйхати чорабиниҳо конференсияи «Механизмҳои молиявӣ ва сармоягузории рушди сайёҳии устувор»-ро интихоб намоянд.

**Талабот ба таҳияи мақола:** Иштирокчиён бояд то 1 октябри соли 2026 дархост ва матни электронии мақолаи илмии худро тибқи талаботи муқарраргардида дар ҳаҷми то 10 саҳифа ба почтаи электронии a_ismoilov@mail.ru ва khidiraliev_88@mail.ru ирсол ё ба Кумитаи тадорукот дар шакли электронии Word (*.docx) пешниҳод намоянд.

**Талаботи техникӣ:** андозаи коғаз - А4; ҳошияҳо - 2 см аз ҳамаи тараф; ҳуруф - Times New Roman; андозаи ҳуруф - 14; фосилаи байни сатрҳо - 1,5; фосилаи сарсатр - 1,25 см; баробаркунии матн - аз рӯйи паҳнои саҳифа; рақамгузории саҳифаҳо - ҳатмӣ нест. Маълумот дар мақола бо пайдарпайии зерин пешниҳод карда мешавад: насаб, ном ва номи падари муаллиф; дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ; вазифа ва ҷойи кор; шаҳр ва давлат; почтаи электронӣ ва рақами телефон. Сипас: сарлавҳаи мақола, аннотатсия - 100–150 калима (бо се забон), калидвожаҳо - 5–8 калима ё ибора. Матни асосии мақола бояд дорои унсурҳои муқаддима, асосҳои назариявӣ, методология, натиҷаҳои таҳқиқот, муҳокима, хулоса ва пешниҳодҳо бошад. Ҷадвалҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ шуда, ном ва сарчашмаи маълумот дошта бошанд. Истинод ба сарчашмаҳои илмӣ дар матн ҳатмӣ мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда дар охири мақола оварда мешавад.

Масъулияти дурустии маълумоти оморӣ, иқтибосҳо, ному насаб, номгӯи сарчашмаҳо ва мазмуни мақола ба зиммаи муаллиф гузошта мешавад. Кумитаи тадорукот ҳуқуқ дорад мақолаҳоеро, ки ба мавзуъ ва талаботи илмӣ-техникии конференсия ҷавобгӯ нестанд, барои нашр қабул накунад.

Аз олимон, коршиносон, намояндагони мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои молиявию қарзӣ, сармоягузорон ва соҳибкорон барои иштироки фаъолона дар конференсия самимона даъват ба амал меорем!

**КУМИТАИ ТАДОРУКОТ**